**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Қурбонов Вафо Намозалиевич дар мавзуи «Таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктора аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.**

Қурбонов Вафо Намозалиевич пас аз хатми магистратураи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли 2021 ба шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ педагогӣ ба донишгоҳи номбурда аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, доктори фалсафа (PhD) дохил шуда соли моҳи июни соли 2024 Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҳоло Донишгоҳи номбурдаро хатм намудааст. Фаъолияти омӯзгориашро аз соли 2016 дар Колеҷи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ шуруъ намуда сипас дар кумитаи андози нази Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз моҳи марти 2021 то ин ҷониб омӯзгори кафедраи менеҷменти соҳавии Колеҷи кухӣ ба номи С.Юсупова дар назди ДКМТ мебошад.

Иброз доштан зарур аст, ки Қурбонов Вафо Намозалиевич дар ҷодаи фаъолияти омӯзгорӣ ва пешбурди таҳқиқотҳои илмӣ қобилияти хуби эҷодӣ ва аналитикӣ дошта, ҳангоми пеш бурдани корҳои илмӣ ба нозукиҳои таваррум ва аҳамияти иҷтимоию иқтисодии он бо ба назар гирифтани одитарин нозукиҳои масъала диққати махсус зоҳир намуда ба он аҳамяти зарурӣ медод, ки ин бартарии илмии номбурдаро нишон медод.

Илова бар ин Қурбонов В.Н ҳангоми таҳсил дар зинаи, магистратура, доктори фалсафа (PhD) ва дар ҷараёни таълим ба донишҷӯён ҳамчун таҳқиқгари поквиҷдону нуқтасанҷ, ҷиддӣ ва дорои малакаи баланди масъулиятшиносӣ худро муаррифӣ намуда, дар ҷараёни иҷрои корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ва таҳияи барномаву васоитҳои таълимӣ мсъулияти баланд зоҳир намуд, уҳдадориҳои бадушдоштаашро дар сатҳи зарурӣ иҷро менамояд.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ва анҷоми корҳои ба ин самт вобастабуда Қурбонов Вафо Намозалиевич зиёда дар самти кори илмии худ зиёда аз 14 мақолаҳои илмӣ нашр намудаас, ки аз ин миқдор 6 мақолаи он бо талаботҳои КОА мебошанд. Ҳамчунин ҷиҳати татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти худ дар семинару конференсияҳои донишгоҳиву ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маърӯза намудааст, ки аз ҷониби мутахассисони соҳа бо натиҷаҳои баланд илмӣ ва навгониҳо арзёбӣ карда шудааст.

Аз таҳлилҳои диссертатсия бар меояд, ки таҳқиқоти анҷомшуда пурра ба масъалаҳои актуалии ҳадафгирии таваррум ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт бахшида шуда ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии масъалааро дар бар мегирад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки рисолаи илмӣ сохтори мантиқии хуб дошта, мақсад ва вазифаҳо дуруст тарҳрезӣ шуда, бо забони илмии фаҳмо омода ва пешниҳод гардида, таклифҳои муаллиф илман асоснок таҳия гардидаанд.

Рисолаи номзадии Қурбонов Вафо Намозалиевич дар мавзӯи: “Таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт”, ки ба муҳокима барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), кори мустақилона анҷомдода, мантиқӣ ва ба итмомрасидаи илмӣ буда барои ҳимоя дар назди Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**и.в дотсенти кафедраи**
**фаъолияти бонкии ДДМИТ** **Махшулов С.Ҷ.**

**Имзои Махшулов С.Ҷ-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДМИТ** **Мирҷамолов М.А.**

12.05.2025с